Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)

ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи конунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Бояд зикр кард, ки диссертатсияи такризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд» омода гардидааст.

Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсия. Мавзуи мавриди таҳқиқоти диссертатсионии Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод қароргирифта, бешубҳа, мубрам буда, дар партави рушд ёфтани муносибатҳои муосири ҷамъиятӣ таълиф гардидааст. Зеро, сиёсати зиддиҷиноятии давлат ҳамеша ба ҳифзи арзишҳои муҳими иҷтимоӣ равона буда, танҳо бо воситаи мукаррароти дар доираи қонун пешбинишуда, пешгирии рафторҳои зиддииҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин масир пеш аз ҳама ҳифзи арзишҳои бо қонуни ҷиноятӣ муайянгардида ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҷойи намоёнро касб менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҷазои ҷиноятӣ, ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, воситаи асосии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ боқӣ монда, таъминкунандаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд, дар заминаи ақидаҳои илман асоснок ва меъёрҳои мукаммали ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳал намудани праблемаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои ҷиноятӣ барои шариконӣ ҷиноят муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро, дар сохтори ҷиноятҳои гуруҳӣ пайваста тағйироти сифатӣ ба назар расида, он ба муттаҳидшавии унсурҳои ҷиноятӣ оварда мерасонад ва боиси васеъшавии восита ва методҳои фаъолияти ҷинояткоронаи иштирокчиёни ҷиноятҳои гуруҳӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва илман асоснокро ба хотири ҷазои сазовор гирифтани шарикони ҷиноят, таъмин намудани принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкории шарикони ҷиноят, тақозо менамояд.

Ҳамчунин, чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ танҳо ба хотири муваффақ шудан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба шарикони ҷиноят татбиқ мегарданд, ки яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, тасаввуроти илмӣ - фундаменталии дурнамои инкишофи давлат дар самт муқовимат ба ҷинояткории гуруҳӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Тағйироти кулии дар олами ҷиноятӣ бавуҷудомада, аз ҷумла, рушд ёфтани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстримистидошта, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъмаҷӯӣ, ҷиноятҳои иқисодӣ ва ғайра, ки асосан дар шарикӣ содир карда мешаванд, аҳамияти иҷтимоии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро афзун менамоянд.

Масоили шарикӣ дар ҷиноят қатъи назар аз таърихи ташаккули он то айни замон ба ҳайси яке аз институти мураккаб ва баҳсталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монда, баъзе паҳлуҳои он то ба имрӯз байни олимон мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор доранд. Ҷиноятҳои дар шарикӣ содиршуда, на ҳама вақт дар як шакли мушаххас содир мегарданд. Бинобар ин масоили муайянкунӣ, критерияи тафриқаандозии онҳо аз рӯйи нишонаҳои объективӣ ва субективӣ дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ баъзе мушкилот ба бор меоварад. Аз ин лиҳоз зарурияти ташаккули роҳҳои илман асосноккардашуда вобаста ба тафриқаандозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фардикунонии таъини ҷазо барои шарикони ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нест.

Бояд зикр кард, ки содир намудани ҷиноят дар шарикӣ аз ба ҷамъият хавфнокии баланди кирдори ҷиноятӣ ва шахсияти гунаҳкорон шаҳодат медиҳад. Дақиқан риоя кардани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба таъин

намудани ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят яке аз шартҳои муҳимми муайян кардани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона мебошад.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он низ зоҳир мегардад, ки ақидаҳои илмӣ оид ба моҳияти таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, инчунин воситаҳои фардикунонии таъини ҷазо барои шарикони ҷиноят омӯхта ва таҳвият дода шаванд. Зеро, интихоби усули дахлдори муайян намудани ҷазои сазовор барои шарикони ҷиноят яке аз масъалаҳои муҳимми институти шарикӣ дар ҷиноят буда, дар ин маврид Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди мушаххаси муайянкунандаи муҳлати ҷазои шарикони ҷиноятро муайян накардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки харчанд дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили шарикӣ дар ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил карор дода шуда бошанд ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба шарикӣ дар ҷиноят, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шарикӣ дар ҷиноят, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Аз ҷониби муаллиф ба мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дурусту комил ишора шудааст. Муаллиф ба таври кофӣ ва конеъкунанда дар кисмати муқаддимавии кор бо овардани нишондиҳандаҳои муайяни омори расмӣ ва иттилооти манбаъҳои дигар, асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳкикоти мавриди назарро собит намудааст. Гуфтаҳои дар боло матраҳшуда дар маҷмуъ аз мубрамияти мавзуи интихобнамудаи муаллифи рисола дарак медиҳад.

Дараҷаи навгонии диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар он ифода меёбанд, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, паҳлуҳои мушаххаси илмӣ - амалӣ ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи моҳият, мафҳум ва аломатҳои шарикӣ дар ҷиноят, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии шарикӣ, намуди шарикон ва шакли шарикӣ, коидаҳои умумӣ ва махсуси таъини ҷазо ва таъмин намудани фардикунонии таъини ҷазо нисбат ба шарикони ҷиноят таҳқиқ карда шуда, ҷиҳати такмили институти шарикӣ

дар ҷиноят пешниҳодҳои асоснок вобаста ба ворид намудани тағйир ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт ироа гардидааст.

Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмие ба ҳисоб меравад ва он аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида дорои аҳамият ва арзиши хосӣ илмист. Дар қисмати навгонии диссертатсия 3 нуктаи илмии дорои аҳаммияти назариявӣ, 3 нуктаи дорои аҳаммияти амалӣ ва 5 нуктаи дигар барои такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд. Хусусан, асоси ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят аз ҷониби муаллиф ҳамчун навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Чунончӣ, асоси ҷавобгарии ҷиноятии шарикон аломатҳои таркиби ҷиноят ба шумор рафта, муттаҳидии махсуси алокавии ҳаракати ҳамаи шарикони ҷиноят системаи муайяни томро ташкил намуда, ҳаракати ҳамаи шариконӣ ҷиноят (на ин ки ҳаракати ҳар яки он дар алоҳидагӣ) ба воситаи ҳамин низоми муайян ба натиҷаи умумии ягонаи ҷиноятӣ оварда мерасонад. Ба ғайр аз ин, бо дарназардошти он, ки ҳаракатҳои ҳамаи шарикони ҷиноят дар як системаи муайян муттаҳид мегарданд, мутаносибан ҳаракати ҳар яки он барои ба анҷом расонидани кирдори дигар шарикони ҷиноят шароит фароҳам меорад. Ба андешаи муаллиф чунин тарзи асосноккунӣ гунаҳгоркунии субъективирро дар институти шарикӣ дар ҷиноят истисно намуда, дар шарикии мураккаб (бо таксими нақшҳо) маҳсуб меёбад, ки ба талаботи моддаи 11 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Муаллиф дар рисолаи илмӣ таҷрибаи судӣ ва маълумоти омории мақомотҳои тафтиши пешакӣ ва судии кишварро вобаста ба масъалаи таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, ҷиҳати такмил додани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии истифодаи меъёрҳои он ҳамчун навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ якчанд пешниҳодот ироа намудааст, ки аз манфиат холӣ намебошанд. Аз он ҷумла, муаллиф, пешниҳод кардааст, ки матни қ. 4 м. 37 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мазмуни зайл: “Шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад, агар кирдори ӯ таркиби ҷинояти мустақили дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинишударо ташкил надиҳад” ва қ. 3. м. 63-и Лоиҳаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз:

“Ҳангоми таъини ҷазо суд принсипи фардикунонии ҷазоро ба асос гирифта, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсияти гунаҳкорро ифода мекунанд, таъсири ҷазои таъиншуда ба ислоҳи маҳкумшуда ва шароитҳои зиндагии оилаи ӯ, инчунин фикру ақидаи ҷабрдидаро ба назар мегирад” ифода карда шавад, ки қобили дастгирӣ мебошад. Масъалаҳои матраҳшуда оид ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба мавзуи мавриди омӯзиши рисола рабт доранд, асоснок карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчунин коркардҳои дигари вобаста ба ҳалли мушкилот зимни татбиқи меъёрҳои ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят дар миён гузошта шудаанд, ки аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд. Назару андешаҳои муаллиф ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз шубҳа орӣ буда, хулосаҳои дар он оварда натиҷаи таҳлили муқаррароти илмӣ-назариявӣ, таҷрибаи амалияи тафтишотиву судӣ, инчунин омори расмӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли матраҳ гардидани масъалаҳои алоҳидаи институти шарикӣ дар ҷиноят таҳия шудааст. Масъалаҳои алоҳида ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар ҳамбастагӣ мазмуни ягона доранд ва дар маҷмуъ таҳлили илмӣ-назариявии таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегиранд. Натиҷаҳои илмии аз он бадастомада, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва дар рафти тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба шарикӣ дар ҷиноят мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

Аз натиҷаи таҳлили матни диссертатсия дида мешавад, ки дар он масъалаҳои ҷудогона ба ғайр аз назари коршиносону олимон, инчунин бо маводи таҷрибаи тафтиши пешакӣ ва судӣ, аз он ҷумла теъдоди зиёди ҳукмҳои судӣ, нишондодҳои мушаххас аз омори расмӣ асоснок карда шудаанд. Пуррагии таҳқиқотро, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷинояти ватанӣ ва хориҷӣ дар даврахои гуногуни инкишофи таърихӣ нишон медиҳад. Ҳолатҳои зикргардида аз асоснок ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии он амалан метавонанд дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногун вобаста ба моҳият, мафҳум ва аломатҳои шарикӣ дар ҷиноят, мазмуну мухтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии шарикӣ, намуди шарикон ва шакли шарикӣ дар ҷиноят ва таъсири онҳо ба банду басти кирдори шарикони ҷиноят, коидаҳои умумӣ ва махсуси таъини ҷазо ва таъмин намудани фардикунонии таъини ҷазо нисбат ба шарикони ҷиноят таҳқиқ карда шуда, ҷиҳати такмили институти шарикӣ дар ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Бахусус, саҳми шахсии муаллиф дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои алоҳида ва аҳамияти онҳо назаррас аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба ҳайси маводи омӯзишӣ барои донишҷӯён, шунавандагон, унвонҷӯён, аспирантон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масъалаҳои шарикӣ дар ҷиноят марӯқ зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти шарикӣ дар ҷиноят, дар амалияи мақомоти тафтиши пешакӣ ва судӣ оид ба ошкор, таҳқиқ, тафтиш ва банду басти ҷиноят мавриди истифода қарор дода шуда, дар самти пешгирии ҷиноятҳои гурӯҳӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳспазир низ ба назар мерасанд, ки асосноккунии иловагиро тақозо менамоянд:

11. Муаллиф дар сархати 3-юми саҳифаи 62 рисола иброз медорад, ки «таҳриккунӣ моил намудани шахси дигарро барои содир намудани ҷинояти мушаххас дар бар мегирад». Аммо бинобар хусусияти фаромиллӣ касб кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, таҳриккунии (ҷалбкунии) ҷавонон дар давраи пеш аз тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят бо роҳи ташвику тарғиб кардани идеологияи экстремистӣ дар сомонаҳои интернетӣ ба рох монда мешавад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ташкилкунандагони чунин ҷиноятҳо кариб имконнопазир мегардад. Аз ин лиҳоз, мавқеи муаллиф ҳангоми ҳимоя асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

22. Мавқеи муаллиф вобаста ба баррасии мазмуну моҳияти моддаи 31

Лоиҳаи нави КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз огоҳии ҳамаҷонибаи ӯ оид ба дурнамои инкишофёбии институти шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят шаҳодат медиҳад. Аммо, дар рисола мазмуну моҳияти истилоҳоти нави ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз қабили «иттиҳоди ҷиноятӣ» ва «иттиҳоди муташаккили фаромилӣ» бо таври назаррас баррасӣ нагардидаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф оид ба ин масъала дар таҳқиқоти илмии минбаъдааш таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки фарогири паҳлуҳои гуногуни таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамчунин, мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Қисмати хотимавии тақриз. Рисолаи тақризшаванда аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати Тағозода Абдукаҳҳор Саидмурод нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Автореферат ва корҳои илмии чопшуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ нақши бориз хоҳанд дошт. Пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона шудаанд. Дар маҷмуъ, Тағозода Абдукаҳҳор Саидмурод, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08.-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Мукарризи расмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи пешгирии
терррроризм ва таъмини бехатарии
ҷамъиятии факултети №6 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.С. Сафарзода

Имзои Сафарзода Ҳ.С -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.З. Музаффарзода

Суроғаи мукарризи расмӣ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи
Вазорати корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов-3,
Тел. корӣ: (+992 37) 226-60-42, E-mail: avkd.tj@mail.tj
«13» 01 соли 2023